**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин ____________________
«_31_» _08_ соли 2024.

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ дар мавзуи «Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқи маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Унвонҷӯ Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ соли 2020 зинаи бакалаври шуъбаи рӯзонаи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ва соли 2022 зинаи магистрии шуъбаи рӯзонаи ихтисоси танзими ҳуқуқии молия ва қарзи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм намудааст.

Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ тибқи фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 22-юми ноябри соли 2022, №447-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, аз 1-уми сентябри соли 2021 дар кафедраи мазкур ҳамчун ассистент фаъолият намуда истодааст. Ҳамзамон, унвонҷӯ аз 1-уми феврали соли 2024 ҳамчун мушовир-ҳуқуқшиноси шуъбаи ҳуқуқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.

Диссертатсияи унвонҷӯ дар мавзуи «Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқи маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар ҷаласаи шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратҷаласаи №05 аз 30 декабри соли 2022) тасдиқ гардидааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 07.05.2024, №69 дода шудааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини аввали директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Баъди муҳокимаи диссертатсияи илмии унвонҷӯ хулосаи зерини кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад:

**Мубрам будани таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ мубрам буда, таҳлили илмии масъалаҳои илмии молу мулки ғайриманқул ба амалишавии ҳадафҳои стратегии мамлакат пешбинишуда мусоидат менамояд.

Молу мулки ғайриманқул яке аз объектҳои асосии ҳуқуқҳои маданӣ ба ҳисоб рафта, таърихан дорои реҷаи ҳуқуқи мадании хос мебошад. Дар моддаи 138 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯйи васеи молу мулки ғайриманқул пешбинӣ гардидааст, ки дар навбати худ онҳо табиати ҳуқуқии мухталиф доранд. Масалан, қитъаи замин яке аз объектҳои асосии молу мулки ғайриманқул маҳсуб шуда, масъалаҳои реҷаи ҳуқуқии қитъаи замин ва ҳуқуқи истифодаи он дар тамоми марҳилаҳои рушди ҷомеаи инсонӣ мубрам боқӣ мемонад. Муҳим будани мавзуи мазкур ба он вобаста аст, ки замин макони асосии вуҷуди инсон ва асоси истеҳсолот маҳсуб меёбад. Инчунин, маҳз зарурати танзими масъалаҳои ҳуқуқии замин ва истифодаи он боис гардид, ки ҳуқуқи ашёии дар замони муосир амалкунанда ташкил ва инкишоф дода шавад.

Дар заминаи аҳаммияти хос доштани молу мулки ғайриманқул дар ҳаёти шахсони воқеӣ ва фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ масъалаи такмили қонунгузорӣ оид ба молу мулки ғайриманқул пайваста мавриди диққати асосӣ қарор дорад. Дар замони муосир аксари мушкилоте, ки дар самти ҳуқуқи ашёӣ ба вуҷуд меоянд, бештар ба молу мулки ғайриманқул алоқаманд мебошанд. Вобаста ба ин, метавон гуфт, ки молу мулки ғайриманқул на танҳо бо аҳаммияти иқтисодӣ (арзиши баланди молӣ доштан) ва иҷтимоӣ (асоси ҳаёту фаъолияти субъектон будан), балки бо арзиши назарраси ҳуқуқии худ ба пайдоишу инкишофи ҳуқуқи ашёӣ таъсири назаррас расондааст.

Дар шароити муосири мамлакат яке аз шаклҳои маъмули муомилот ин масъалаҳои сохтмони ҳиссагии молу мулки ғайриманқул ба ҳисоб меравад. Бо сабабе, ки мавзуи шартномаи мазкур ашёи ғайриманқули дар оянда сохташаванда мебошад ва дар шартнома ба таври дахлдор мушаххас намудани он, инчунин бақайдгирии давлатии он имконнопазир аст, мушкилоти муайян дар самти иҷрои дахлдори уҳдадорӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои харидорон (ҳиссагузорон) ба вуҷуд омадааст. Дар ин замина, ба таври умумӣ масъалаҳои вобаста ба шартномаи сохтмони ҳиссагии биноҳои истиқоматӣ дар боби 60

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим гардидааст, аммо дар ин самт то ҳол мушкилоти муайян ҷой дорад. Ҳолати мазкур таҳқиқи илмии махсусиятҳои реҷаи ҳуқуқи мадании ашёи ғайриманқули дар оянда сохташавандаро ташкил медиҳад.

Таҳқиқи мавзуи мазкур ба амалишавии Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, Барномаи давлатии рушди соҳаи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ва Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мусоидат менамояд.

Асосҳои дар боло зикршуда аз мубрам будани таҳқиқи реҷаи ҳуқуқи мадании молу мулки ғайриманқулро дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми довталаб дар навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлили илмии қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, пешниҳоди маърузаҳо аз ҷониби муаллиф дар конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ зоҳир мегардад. Тарзи хоси таҳлили илмии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқот алоқаманд, шакли маънидоднамоии меъёрҳои қонунгузорӣ ва аз ҷиҳати илмӣ таҳлилу асоснок намудани онҳо ва тарзи навишти рисола низ саҳми шахсии муаллифро шаҳодат медиҳанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар воқеӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани онҳо, робитаи он бо асарҳои муҳаққиқони дигар, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот оид ба мавзуъ, инъикоси объективии мушкилоти реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул, таҳлили маводи илмию амалии соҳавӣ, усулҳои гузарондан, инчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраршуда, ифода гардидааст.

Дар диссертатсия талаботи таҳқиқоти илмӣ, аслияти таҳқиқоти илмӣ ва талаботи техникӣ, ба монанди фарҳанги иқтибосоварӣ риоя карда шудааст. Ҳамчунин, автореферати диссертатсия ба мазмуни диссертатсия пурра мутобиқ аст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Номи мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамояд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки дар он масъалаҳои вобаста ба реҷаи ҳуқуқи мадании молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории Тоҷикистон

таҳлил гардида, фазои илмии мамлакат дар самти мазкур мукаммал карда шуд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертатсия ба таври васеъ дар раванди татбиқи қонунгузорӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, аз ҷумла фаъолияти нотариалӣ ва бақайдгирии давлатӣ, инчунин таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи замин, ҳуқуқи ашёӣ ва ҳуқуқи шартномавӣ истифода шуда метавонанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар мақолаҳои илмии интишорнамудаи унвонҷӯ инъикос гардидаанд. Ҳамзамон, унвонҷӯ дар чандин чорабиниҳои илмии сатҳҳои гуногун натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро пешниҳод ва муҳокима кардааст, аз ҷумла:

**а) байналмилалӣ:**

– конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» - бо маъруза дар мавзуи «Реҷаи ҳуқуқӣ-мадании қитъаи замин тибқи қонунгузории мамлакатҳои пасошуравӣ» (5 декабри соли 2023, ш. Душанбе).

– конференсияи XIX-уми байналмилалии илмӣ дар мавзуи «Международный научный обзор проблем права, социологии и политологии» - бо маъруза дар мавзуи «Объекты самовольной постройки в гражданском праве» (март, 2021, Бостон, ИМА).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» - бо маъруза дар мавзуи «Консепсияҳои объектҳои молу мулки ғайриманқул дар ҳуқуқи граждании муосир» (7 октябри соли 2021, ш. Душанбе);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ» - бо маъруза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳои эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона дар ҶТ» (7 декабри соли 2021, ш. Душанбе);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Конститутсия – ҳамчун омили рушди устувори давлат» - бо маъруза дар мавзуи «Мафҳуми молу мулки ғайриманқул дар назарияи ҳуқуқи маданӣ» (5 ноябри соли 2022, ш. Душанбе);

– конференсияи III ҷумҳуриявии илмӣ-амалии олимони ҷавони ДМТ бахшида ба «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» - 23 май ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) – бо маъруза дар мавзуи «Хусусиятҳои реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории граждании Олмон» (18-19 майи соли 2023, ш. Душанбе);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Мушкилотҳои қонунгузории замин дар даврони муосир» - бо маъруза дар мавзуи «Реҷаи ҳуқуқи мадании қитъаи замин ҳамчун молу мулки ғайриманқул» (13 октябри соли 2023, ш. Душанбе);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами такмили Конститутсияи ҶТ дар шароити муосир» - бо маъруза дар мавзуи «Кафолатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии амалишавии моликияти истисноии давлат ба замин дар ҶТ: шаклгирӣ, вазъ ва дурнамои рушд» (1 ноябри соли 2023, ш. Душанбе);

– конференсияи ҷумҳурявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ: масъалаҳои ҳуқуқӣ-иқтисодии заминистифодабарӣ» - бо маъруза дар мавзуи «Таносуби мафҳумҳои «замин» ва «қитъаи замин» ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ» (11 майи соли 2024, ш. Душанбе).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба паҳлуҳои алоҳидаи мавзуи таҳқиқот аз ҷониби унвонҷӯ 25 маводи илмӣ, аз ҷумла 1 монография, 11 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, 10 мақола дар маҷаллаҳои дигар ва 3 маводи дигари илмӣ нашр гардидааст, аз ҷумла:

**I. Монография:**

[1–М]. Шерзода, Б.С. Падидаҳои нави ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал [Матн] / Б.С. Шерзода, М.М. Соҳибзода / зери таҳрири Ғаюрзода Ш.К. – мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2023. – 448 с.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[2–М]. Шерзода, Б.С. Вазъи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул дар ҳуқуқи хусусии римӣ [Матн] / Б.С. Шерзода // Қонунгузорӣ. – № 1 (41). – 2021. – С. 156-160. ISSN 2410-2903

[3–М]. Шерзода, Б.С. Мафҳуми «молу мулк» ва «ашё» дар ҳуқуқи граждании [Матн] / Б.С. Шерзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – №4 (24). — С. 163-179. ISSN 2414-9217

[4–М]. Шерзода, Б.С. Моҳияти молу мулки ғайриманқул дар ҳуқуқи гражданӣ [Матн] / Б.С. Шерзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – № 3 (35). – С. 147-158. ISSN 2307-5198

[5–М]. Шерзода, Б.С. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории граждании Тоҷикистон бо қонунгузории граждании Олмон оид ба мафҳуми

молу мулки ғайриманқул [Матн] / Б.С. Шерзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – № 3 (43). – С. 81-88. ISSN 2410-2903

[6–М]. Шерзода, Б.С. Танзими ҳуқуқии коллизионии муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқул [Матн] / Б.С. Шерзода, М.М. Соҳибзода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – № 3 (52). – С. 122-130. ISSN 2664-0651

[7–М]. Шерзода, Б.С. Некоторые вопросы о понятии и особенности самовольной постройки [Текст] / Б.С. Шерзода, И.И. Солиев // Вестник науки и образования. – 2021. – № 3 (106). Часть 2. – С. 36-39. ISSN 2541-7851

[8–М]. Шерзода, Б.С. Консепсияҳои ягонагӣ ва гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул дар ҳуқуқи гражданӣ [Матн] / Б.С. Шерзода // Қонунгузорӣ. – 2022. – № 1(45). – С. 156-163. ISSN 2410-2903

[9–М]. Шерзода, Б.С. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Тоҷикистон бо қонунгузории Фаронса оид ба мафҳуми молу мулки ғайриманқул [Матн] / Б.С. Шерзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 1 (24). – С. 145-151. ISSN 2414-9217

[10–М]. Шерзода, Б.С. Маҳакҳои мансубияти ашё ба молу мулки ғайриманқул дар ҳуқуқи маданӣ [Матн] / Б.С. Шерзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2024. – № 1 (45). – С. 123-134. ISSN 2307-5198

[11–М]. Шерзода, Б.С. Мафҳум ва аломатҳои маҷмуаи томи ғайриманқул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.С. Шерзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – № 1 (33). – С. 182-192. ISSN 2414-9217

[12–М]. Шерзода, Б.С. Реҷаи ҳуқуқи мадании киштиҳо ҳамчун молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.С. Шерзода, М.М. Соҳибзода // Қонунгузорӣ. – 2024. – № 1 (53). – С. 150-165. ISSN 2410-2903

**III. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:**

[13–М]. Шерзода, Б.С. Мафҳуми молу мулки ғайриманқул дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ [Матн] / Б.С. Шерзода // Материалы Республиканской научно-практической конференции «Конституция – как фактор стабильности государства» (05 ноября 2022 года). – Душанбе, 2022. – С. 400-408.

[14–М]. Шерзода, Б.С. Объекты самовольной постройки в гражданском праве [Текст] / Б.С. Шерзода, Солиев И.И. // XIX Международный научный обзор проблем права, социологии и политологии (Бостон, США, март 2021 г.).

[15–М]. Шерзода, Б.С. Баъзе масъалаҳои эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.С. Шерзода, И.И. Исмоилӣ // Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи

ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (7 декабри соли 2021) / зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 434-447.

[16–М]. Шерзода, Б.С. Консепсияҳои объектҳои молу мулки ғайриманқул дар ҳуқуқи граждании муосир [Матн] / Б.С. Шерзода // Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ: маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (7 октябри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С. 307-321.

[17–М]. Шерзода Б.С. Некоторые вопросы о зданиях и сооружениях как недвижимости [Текст] / Б.С. Шерзода, Д.К. Рахимов // Scientific Collection «InterConf», (40): with the Proceedings of the 2nd International Scientific and Practical Conference «Scientific Community: Interdisciplinary Research» (January 26-28, 2021). Hamburg, Germany: Busse Verlag GmbH, 2021. – С. 401-409.

[18–М]. Шерзода, Б.С. Хусусиятҳои реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории граждании Олмон [Матн] / Б.С. Шерзода // Маводи III Конференсияи илмӣ-амалии олимони ҷавони ДМТ ба «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» – 23 май ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2023. – С. 195-199.

[19–М]. Шерзода, Б.С. Реҷаи ҳуқуқи мадании қитъаи замин ҳамчун молу мулки ғайриманқул [Матн] / Б.С. Шерзода // Мушкилотҳои қонунгузории замин дар даврони мусоир: маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (13 октябри соли 2023) / зери назари доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Шарифзода Ф.Ш. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2023. – С. 99-107.

[20–М]. Шерзода, Б.С. Кафолатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии амалишавии моликияти истисноии давлат ба замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: шаклгирӣ, вазъ ва дурнамои рушд [Матн] / Б.С. Шерзода, М.М. Соҳибзода // Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-солагии ДМТ (01 ноябри соли 2023) / зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 185-198.

[21–М]. Шерзода, Б.С. Реҷаи ҳуқуқи мадании қитъаи замин тибқи қонунгузории мамлакатҳои пасошуравӣ [Матн] / Б.С. Шерзода // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (5 декабри соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 477-489.

[22–М]. Шерзода, Б.С. Таносуби мафҳумҳои замин ва қитъаи замин ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ [Матн] / Б.С. Шерзода, М.М. Соҳибзода //

Маърифати ҳуқуқӣ: масъалаҳои ҳуқуқӣ-иқтисодии заминистифодабарӣ: маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (11 майи соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 185-195

**IV. Маводи дигари илмии нашргардида:**

[23–М]. Шерзода, Б.С. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин»: нашри аввал [Матн] / Б.С. Шерзода, М.М. Соҳибзода, Ф.Ш. Қудбудинов, Ф. Қурбонализода, Ш.Х. Одинаев, Ё.А. Кулобиев, Ҷ.Т. Раҳмонов, Я.А. Идрисов. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2020. – 138 с.

[24–М]. Шерзода, Б.С. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ»: нашри аввал (тафсири оммавию илмӣ ва амалӣ) [Матн] / Б.С. Шерзода, М.М. Соҳибзода, Ф.Ш. Шарифзода, З. Асрорзода, М.А. Қодирзода, Ш.Х. Одиназода. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 240 с.

[25–М]. Шерзода, Б.С. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин» (тафсири оммавию илмӣ ва амалӣ): нашри аввал [Матн] / Б.С. Шерзода, М.М. Соҳибзода, Ф.Ш. Шарифзода, М.А. Қодирзода, Ш.Х. Одиназода, М.А. Тоҷидинов, И.И. Исмоилӣ, Ҳ.Р. Раҳмонов, Ш.Б. Қодиров, Я.Б. Ҳакимов. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2022. – 168 с.

Вобата ба имконияти истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот аз Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корхонаи воҳиди давлатии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» санади татбиқи натиҷаҳои диссертатсия дода шудааст.

**Ҳамин тавр, аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чунин қарор қабул гардид:**

1. Диссертатсияи Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ дар мавзуи «Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқи маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад ва унвонҷӯ сазовори дараҷаи илмии дархостгардида мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: 17 нафар. Тарафдор – 17 нафар, зид – 0 нафар ва бетараф – 0 нафар.

Суратҷаласа аз 31-уми августи соли 2024, №01.

**Раиси ҷаласа: мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Ғаюрзода Ш.К.**

**Котиби ҷаласа: муаллими калони Кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон:** **Мирзомуродзода Д.Г.**

**Имзоҳои Ш.К. Ғаюрзода ва Д.Г.Мирзомуродзодаро тасдиқ мекунам.**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

**Суроға:** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17; 734025; Телефон: (+992-37) 221-62-25; (+992-37) 227-15-10.
**Факс:** (+992-37) 227-15-10.
**E-mail:** info@tnu.tj